Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

18 сентябри соли 2002. Чоршанбе № 72 (12814)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Муборакбодиҳои самимона

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Аз номи халқи Лаос ва шахсан аз номи худам мехостам ба Шумо, Аълоҳазрат ва халқи ӯзбек муборакбодиҳои аз ҳама самимона ва дархостҳои беҳтаринамро дар мавриди Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ирсол намоям.

Эътимод дорам, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории бомуваффақият байни мамлакатҳоямон минбаъд низ ба хотири фаровонии халқҳои Лаосу ӯзбек ва ҷаҳон рушд меёбад.

**Бо камоли эҳтиром**
**Кхамтай СИПХАНДОН,**
**Президенти Ҷумҳурияти Мардумӣ-Демократии Лаос.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Муборакбод кардани Шумо аз номи халқ, Ҳукумати Гвинея ва шахсан худам ба муносибати иди мустақилияти мамлакататон ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо тани сиҳҳати қавӣ талабида, дархостҳои беҳтаринам ва эҳтироми калонамро изҳор карданӣ ҳастам.

**Генерал Лонсана КОНТЕ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Гвинея.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Аз номи ҳукумат, халқи Гамбия ва аз номи худам ба Шумо ирсол кардани муборакбодиҳои самимона дар мавриди иди миллии мамлакататон ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо, Аълоҳазрат тани сиҳҳати қавӣ, ба халқи Ӯзбекистон—пешрафт ва шукуфониро таманно дорам.

Аълоҳазрат, эҳтироми калонамро нисбататон қабул фармоед.

**Яҳё ҶАММЕХ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Гамбия.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон—Рӯзи истиқлолият аз номи халқ ва Ҳукумати Тунис, аз номи худам шахсан ба Шумо, Аълоҳазрат аз ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарин мамнун ҳастам. Ба Шумо тани сиҳҳати қавӣ, хушбахтӣ, ба халқи Ӯзбекистон шукуфонӣ ва фаровонии минбаъдаро таманно дорам.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо, Аълоҳазрат саъю кӯшиши тағйирнаёбандаро оиди таҳкими равобиту ҳамкории мавҷудаи дӯстӣ ба хотири фаровонии халқҳоямон баён карданӣ ҳастам.

**Зайн ал-Обидин бин АЛӢ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Тунис.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

Дар мавриди иди миллии мамлакати ба мо дӯст ба ман аз номи худ ва аз номи халқи Ҷамоҳири Бузурги Сотсиалистии Мардумии Либияи Араб ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ба Шумо ва дархостҳои беҳтарини тани сиҳҳати қавӣ ва хушбахтӣ шахсан ба Шумо, ҳамчунин ба халқи дӯсти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон—пешрафт ва шукуфонии минбаъда ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

**Полковник Муаммар КАЗЗОФӢ,**
**Сарвари Инқилоби Бузурги Ал-Фатҳ-1 сентябр**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар мавриди Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба ман ба Шумо, Аълоҳазрат ва халқи Ӯзбекистон аз номи халқи Шоҳигарии Баҳрайн ва аз номи худам ирсол кардани муборакбодиҳои самимона қаноатмандии бузург мебахшад.

Аз маврид истифода бурда, дархостҳои беҳтаринамро ба Шумо, Аълоҳазрат оиди тани сиҳҳат, хушбахтӣ, халқи мамлакататон—пешрафт ва фаровонии минбаъда, ҳамчунин эҳтироми калонам нисбататон ирсол карданӣ ҳастам.

**Ҳамад бин Исо Ол ХАЛИФА,**
**Шоҳи Баҳрайн.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Дар мавриди Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мехостам ба Шумо, Аълоҳазрат муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои гарму ҷӯшонро оиди тани сиҳҳати қавӣ ва хушбахтӣ, ба мамлакататон ва халқатон фаровонӣ ва шукуфонӣ ирсол намоям.

**Пумипон Адулядет (РАМА IX)**
**Шоҳи Таиланд.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Кармов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Бо қаноатмандии бузург ба Шумо, Аълоҳазрат муборакбодиҳои аз ҳама самимонаамро дар мавриди Рӯзи истиқлолияти мамлакати дӯстатон ирсол мекунам.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо тани сиҳҳати мустаҳкам ва хушбахтӣ, ба халқи бародаратон—шукуфонӣ ва пешрафти минбаъдаро таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром**
**Муҳаммад Хуснӣ МУБОРАК,**
**Президенти Ҷумҳурияти Мисри Араб.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

аз номи халқи булғор ва шахсан худам муборакбодиҳои аз ҳама самимонаамро дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон—Рӯзи истиқлолият қабул фармоед.

Мӯътақид ҳастам, ки муносибатҳо байни мамлакатҳоямон дар оянда ҳам вусъати худро ёфта, баҳри қарор ёфтани муколамаи мӯътадили сиёсӣ ва иқтисодӣ ва ҳамкорӣ баҳри манфиатҳои халқҳои булғору ӯзбек мусоидат мекунад.

Аз маврид истифода бурда, ба Шумо, Аълоҳазрат эҳтироми калон доштанамро баён карда, ба Шумо тани сиҳҳати мустаҳкам, хушбахтӣ ва комёбиҳоро дар фаъолияти воломасъулатон ба хотири фаровонии Ӯзбекистон таманно дорам.

**Георги ПАРВАНОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Булғория.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Барои ман ба Шумо, Аълоҳазрат фиристодани муборакбодиҳои гарму ҷӯшон дар мавриди қайди рӯзи миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон шарафи калон аст.

Ман ба зарурати пурзӯр кардани дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, ки халқҳои моро муттаҳид сохтааст, дилпурии қавӣ дорам.

Дар хотимаи муборакбодии худ ба халқ ва Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дархостҳои беҳтаринро таманно карда, ба Шумо Аълоҳазрат эҳтироми калони нисбататон доштаамро баён карданӣ ҳастам.

**Висенте Фокс КЭСАДА,**
**Президенти Иёлотҳои Муттаҳидаи Мексика.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба Шумо, Аълоҳазрат, ҳукумат ва халқи мамлакататон ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Аълоҳазрат, дархостҳоямонро дар бобати тани сиҳҳати мустаҳкам, хушбахтӣ ба Шумо, ба халқатон—фаровонӣ қабул фармоед.

**Табо Мвуйелва МБЕКИ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Африқои Ҷанубӣ.**

Ҷоми Президент



Ғолибон-финалистонро Президент Ислом Каримов эъзоз менамояд.

## Ин ҷом ба қалби ӯ наздик аст!

***Маҳз то финал расидани Владимир Волчков, ки дар таснифи АТП дар ҷои 141 қарор дорад, муҳимтарин натиҷаи ғайричашмдошти Ҷоми Президенти Ӯзбекистон аз рӯи теннис буд, ки бори нӯҳум барпо гардид, аммо оқибат Кафелников пирӯз шуд.***



**Волчков ҳарчанд кӯшиш ҳам кард...**

Бояд гуфт, ки ин натиҷа аз як ҷиҳат тааҷҷубовар ҳам набояд бошад, зеро Волчкови бистучорсола, ки теннисбози рақами дуввуми Белорус мебошад, дар яке аз чаҳор мусобиқаи бонуфузи сол—мусобиқаи Уимблдон низ аз бозиҳои саракунӣ баромада, то нимфинал расида буд ва ҳоло низ аз мусобиқаи саракунӣ то ба финал расида, ҳатто метавонист Кафелниковро мағлуб ҳам намояд. Аз ин хусус дар нишасти матбуотии пас аз финал худи Кафелников низ иқрор кард, ки воқиан ҳам Волчков метавонист дар бозӣ дастболо гардад, зеро худи натиҷаи он аз ин гувоҳӣ медиҳад: 7/6 (6), 7/5. Агарчӣ намояндаи Русия дар ду сет ҳарифи худро мағлуб намуд, он ба осонӣ даст надод, зеро дар ҳарду сет Кафелников водор гардид, ки аксарияти геймҳоро аз тариқи «матч-бол», яъне дар сурати баробар гардидани ҳисоб ӯ то ду ҳоли афзалиятро ба даст оварданаш хеле сахт мегардид. Ва дар натиҷа дар бисёре аз геймҳо бо фарқи хеле кам дастболо гардид.

Барои Евгений Кафелников бошад, ин финали сеюм дар мусобиқаҳои Ҷоми Президент буд ва умуман ширкати шашум дар он, ки ҳеҷ кадом аз теннисбозони хориҷӣ ба чунин натиҷа муваффақ нагардидаанд. Маҳз ин омилҳо низ ӯро водор мекард, ки ҳамин имконро аз даст надиҳад ва оқибат ба орзуи деринаи худ бирасад.

—Ҷоми Президенти Ӯзбекистон ба қалби ман аз ҳамаи ҷомҳои дигар наздик аст,—гуфт ӯ пас финал дар ҳоле ки Ҷоми Президентро аз дасти роҳбари кишвар Ислом Каримов қабул мекард.

Дар маросими тақдими Ҷоми Президент Ислом Каримов низ эҳсосоти худро дарҳам накашида, изҳор намуд, ки дар тамошогоҳ нишаста, бештар аз варзишгарон бетоқат мешуд, ки оё кори Кафелников имрӯз омад мекарда бошад.

Дар ин маросим инчунин раиси Кумитаи миллии олимпии Русия Леонид Тягачёв ва бунёдгузори тамоми мусобиқаҳои байналмилалии теннис дар Ӯзбекистон, сарпарасти анҷумани АТП Сосон Какшурӣ ширкат доштанд.

Барои Кафелников ин мусобиқа на танҳо рӯҳбаландӣ пеш аз мусобиқаҳои нимфиналии Ҷоми Дэвис бо тими Аргентина дар Маскав, балки ӯ хазинаи худро, ки беш аз 22 млн.долларро ташкил медод, ба 71.600 доллар зиёд намуд. Мукофотпулии ӯ аз ғалаба дар Тошканд маҳз ҳамин қадарро ташкил кард. Дар таснифи ҷаҳонии теннисбозони касбӣ бошад, ба ҳолҳои худ 175 ҳолро зам намуд.

Барои Владимир Волчков бошад, ин мусобиқа аз он лиҳоз муфид буд, ки бо 120 ҳоли бадастовардааш аз ҷои 141 якбора ба садгонаи аввал баромад ва чун финалист соҳиби 42 ҳазор доллар низ гардид.

Дар мусобиқаи ҷуфтҳо низ ҳарбу зарб пуршиддат буд, ки дар финал ҷуфти Давид Адамс ва Робби Коенг (Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ) бо теннисбозони нидерландӣ Раймон Слютер ва Мартин Веркерк рӯ ба рӯ гардида, африқоиҳо дар ду сет (6/2, 7/5) бозии финалиро ба фоидаи худ ҳал намуданд. Онҳо низ аз ҷоизаи умумии 550 ҳазор доллари Ҷоми Президенти Ӯзбекистон ҳиссаи худро (33.600 долларӣ) ба даст оварда, варзишгоҳи «Юнусобод»-ро тарк намуданд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
хабарнигори «Овози тоҷик».

**Суратгир: Бурҳон РИЗО.**

## Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

13 сентябр маҷлиси васеи зеркомиссияи комиссияи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои минбаъда амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон ба амал омад, ки ба мақсади таъмини иҷрои вазифаҳое, ки дар маърӯзаи барномавии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис даъвати дуюм ба миён гузошта шудаанд, созмон ёфтааст. Дар маҷлиси зеркомиссияи оид ба масъалаҳои муассисоти ҷамъияти шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон вакилони халқи Олий Маҷлис, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон, ташкилотҳои ғайридавлатии ғайритиҷоратӣ, олимон ва мутахассисон иштирок намуданд.

Маҷлисро ифтитоҳ бахшида, сарвари зеркомиссия, раиси Кумита оид ба муассисоти демократӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон А.Саидов оид ба вазифаҳое истода гузашт, ки аз маърӯзаи Президент И.Каримов бармеояд. Кори зеркомиссия барои ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқии шиори «Аз давлати муқтадир-ба ҷамъияти пурқуввати шаҳрвандӣ» нигаронда мешавад. Иштирокдорони маҷлис дар бораи зарурати ташаббус зоҳир кардан оиди таҳияву навкунии беш аз 10 қонун дар ин соҳа ҳарф заданд.

Ба мақсади ба рӯи об баровардани корҳои амалӣ дар соҳаи мазкур ҳафт гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо созмон ёфт. Фаъолияти ин гурӯҳҳои корӣ бо назардошти зарурати амалӣ гардондани барномаи минбаъда амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ ва ба вуҷуд овардани асосҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ташкил карда мешавад.

## Машъала ба бозиҳои Осиё меравад

Ҳар як мусобиқаи варзишӣ, аз он ҷумла бозиҳои олимпӣ, мусобиқоти ҷаҳон бо як ҷиҳати худ ба ҳам наздиканд, ки он ба афрӯхтани оташи мусобиқаҳо алоқаманд мебошад. Оташи бозиҳои Олимпӣ одатан аз машъалае афрӯхта мешавад, ки аз ватани бозиҳои олимпӣ-кишвари Эллада дар гиронда, оварда мешавад. Ташкилотчиёни мусобиқаҳои минтақавӣ бошанд, дар ин бобат навоварӣ ва ихтироъкорӣ зоҳир мекунанд.

Кумитаи тадоруки бозиҳои XIY Осиё, ки охири ҳамин моҳ дар шаҳри Пусанаи Куриёи Ҷанубӣ оғоз меёбанд, ба ҳамаи ҳайати вакилони 43 мамлакат-иштирокдори мусобиқаҳо бо илтимос муроҷиат намуд, ки аз нури офтоб машъала афрӯзонда, онро ҳамроҳи худ ба Пусана оваранд ва оташи ин машъалаҳо як карда, даргиронда шаванду бо ҳамин оташи ягонаро ташкил дода, ваҳдати варзиши Осиёро бори дигар ба саросари ҷаҳон намоиш диҳад.

Рӯзи панҷшанбеи ҳафтаи гузашта дар Пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотии «Физика-Солнсе», ки дар бобати афрӯхтани машъалаҳо таҷрибаи бойро молик аст, маросими дар гирондани машъалаи ҷониби ӯзбекистонӣ ба амал омад. Дар он қаҳрамони ҷаҳон аз рӯи бокс Ӯткир Ҳайдаров ва қаҳрамони бозиҳои Осиё аз рӯи заврақронӣ Юлия Бозорова иштирок намуданд. Онҳо машъаларо ба раиси Кумитаи миллии олимпии Ӯзбекистон Собир Рӯзиев супурданд. Ва ӯ машъали рамзиро ба Сафири Фавқулодда ва Мухтори Куриёи Ҷанубӣ дар Ӯзбекистон Чан Хван Ким супурд. То 25 сентябр рӯзи парвози ҳайати вакилони ӯзбекистонӣ ба мусобиқаҳои Осиё машъала дар капсулаи махсусе нигоҳ дошта мешавад, ки кумитаи тадорук ирсол намудааст. Машъала ҳамроҳи ҳайати вакилони ӯзбекистонӣ ба Шарқи Дур роҳ пеш мегирад ва он қитъаи Осиёро мунаввар хоҳад кард.

**(Хабарнигори мо).**

### Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ба захира ҷавоб додани шахсоне, ки мӯҳлати муқарраргардидаи бамӯҳлати хизмати ҳарбӣ ва муқобилро ба иҷро расондаанд ва дар бораи даъвати навбатии шаҳрвандон ба хизмати бамӯҳлати ҳарбиву муқобил

Мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва «Дар бораи хизмати муқобил» Девони Вазирон қарор мекунад:

1. Аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ба захира шахсоне ҷавоб дода шаванд, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбӣ ва муқобилро адо кардаанд.

2. Моҳҳои октябр-ноябри соли 2002 ба хизмати бамӯҳлати ҳарбӣ ва муқобил шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки солҳои таваллудашон 1975-1984 мебошаду барои ба таъхир андохтани даъват ҳуқуқ надоранд, даъват карда шаванд.

3. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Вазорати дифои Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки ба мақсади хушсифат таъмин кардани Қувваҳои Мусаллаҳ бодаъватшавандагон кори босамари комиссияҳои даъваткунандаро дар маҳалҳо ташкил намоянд.

4. Ба Вазорати тандурустӣ (Ф.Назиров) якҷоя бо Вазорати дифои (Қ.Ғ.Ғуломов) Ҷумҳурияти Ӯзбекистон супурда шавад, ки қитъаҳои даъватиро бо таҷҳизоту амволи зарурии тиббӣ таъмин карда, хушсифат гузарондани тадқиқотҳои лабораторий даъватшавандагон ва аз муоинаи ҳамаҷонибаи тиббӣ гузарондани онҳоро аз ҷониби духтурони баландмалакаи тахассуси мухталиф таъмин созанд.

**Раиси Девони Вазирон И.Каримов.**

шаҳри Тошканд, 13 сентябри соли 2002.

## Афкори ҷамъиятӣ ҳамчун мизони иҷтимоист

Муҳокимаи вазифаҳое, ки дар назди кормандони соҳаи сотсиология Президент Ислом Каримов дар маърӯзаи хеш дар иҷлосияи нӯҳуми Олий Маҷлис пеш гузоштаанд, мавзӯи маҷлиси доманадори Кенгаши илмиву методии Маркази омӯзиши афкори ҷамъиятии «Ижтимоий фикр» гардид. Дар он сотсиологҳо, сиёсатшиносон, олимон аз Фарҳангистони улум, пажӯҳишгоҳҳои номдор ва донишкадаҳои олии ҷумҳурият, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок намуданд.

Ба фикри сарвари давлатамон афкори ҷамъияти мизони вазъи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад, зикр намуд сӯҳбатро ифтитоҳ бахшида директори Маркази «Ижтимоий фикр» Р.Убайдуллоева. Амиқ гардондани дигаргуниҳои демократӣ, минбаъда ислоҳсозии тамоми соҳаҳои ҳаёт такмил додани механизми омӯзиши афкори ҷамъиятиро тақозо дорад. Муаммо аз он ҷиҳат умда аст, ки ба рушди собитқадамонаи демократия дар ҷумҳурият нигоҳ накарда, ба вуҷуд овардан ва омӯхтани он маҳаки ҳаррӯзаи ҳаёти сиёсии давлат нагардидааст. Диққату эътиборе, ки дар иҷлосияи гузаштаи Олий Маҷлис нисбати пурзӯр кардани илми сотсиологии Ӯзбекистон зоҳир гардид, аз эҳтироми калоне иборат аст, ки сарвари мамлакат ба афкори шаҳрвандон ва нақши он дар қарор ёфтани ҷамъияти шаҳрвандӣ аҳамияти калон медиҳад.

Солҳои охир Маркази «Ижтимоий фикр» зиёда аз 80 тадқиқоти маҷмӯъгиву мақсаднокро аз рӯи масъалаҳои умдаи ҳаёти иҷтимоиву сиёсии Ӯзбекистон гузаронд. Миқдори пурсидашавандагон зиёда аз 100 ҳазор нафарро ташкил дод. Натиҷаҳои ин тадқиқотҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сокинони ҷумҳурият сиёсати Президентро фаъолона ҷонибдорӣ мекунанд, ки он ба ислоҳсозии минбаъдаи ҷамъиятамон, дар мамлакат нигоҳ доштани сулҳу осоиш, мӯътадилӣ ва ризоияти шаҳрвандӣ нигаронда шудааст. Баробари ин натиҷаҳои ҳамапурсӣ муаммоҳои зиёди муҳимро ба миён мегузорад, ки шаҳрвандони пеш аз ҳама дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятиашон ба онҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Ба ҳамин муносибат, зикр гардид дар маҷлис, васеъ истифода бурдани онҳо ба хубтар шудани фаъолияти сохторҳои давлативу ғайриҳукуматие мусоидат мекунад, ки барои амалӣ гардондани ислоҳот саъю кӯшиш доранд.

Дар раванди такмил додани механизми афкори ҷамъиятӣ нақши калон бозидани воситаҳои ахбори оммавӣ даъват гардидаанд, зикр ёфт дар маҷлис. Воситаҳои ахбори оммавӣ аз бисёр ҷиҳат дар бобати ба вуҷуд овардани ақидаҳои шаҳрвандон оид ба масъалаҳои мухталиф нақши калон мебозанд ва имконияти калони омӯхтани афкори ҷамъиятиро аз рӯи акси садояшон ба барномаҳо ва мақолаҳо доранд. Аз ҳамин сабаб ба паёмнигорон зарур аст, ки диққату эътибори худро дар навбати аввал ба мавзӯъҳои аз ҳама умдаи замон нигаронанд.

Дар маҷлис қарор дар хусуси ташкил додани семинари доимоамалкунанда оид ба масъалаҳои умдаи афкори ҷамъиятӣ қабул гардид.

**Анна ИВАНОВА,**
**мухбири ӮзА.**

*Ба пешвози 70-солагии Нукус*

## Майдончаҳои бинокории шаҳр

Ба муносибати 70-солагии шаҳри Нукус тарабхонаи «Қирққиз», ки дар маркази пойтахти Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон воқеъ аст, таҷдид гардида, ба бар либоси тамоман нав мегирад.

Бинои мазкур аз рӯи талабҳои услуби меъмории кунунӣ таҷдид меёбад. Дар бобати тағйир додани ҳусни бино саҳми бинокорони Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Нукусқишлоқтураржойқурилиш» калон аст, ки мувофиқи фармоиши Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди Тоҷмаҳал» корҳои азими бунёдкориро ба иҷро мерасонанд.

—Баъди таҷдид бешак ин бинои зебо ба ҳусни шаҳр ҳусни нав зам мекунад,—мегӯяд Арислонбой Мустафоев—сарвари қитъаи бинокорие, ки корҳои тармимиро ба иҷро мерасонад.—Барои таҷдиди пурраи бино 236 миллион сӯм зарур аст. То ҳоли ҳозир корҳои тармимӣ ба андозаи беш аз 150 миллион сӯм ба иҷро расидаанд. Дар арафаи ҷашни 70-солагии Нукус ба истифода супурдани бинои тарабхона ба нақша гирифта шудааст.

**А.ОРТИҚБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Бо суръату сифати баланд

Пахтакорони вилояти Сурхондарё имсол 380 ҳазор тонна пахта тайёр карданианд ва аз ҳамин сабаб онҳо бо суръату сифати баланд ин маъракаи масъулиятнокро мегузаронанд.

Аз рӯи маълумоти мутахассисон аллакай 70-80 фоизи тамоми кӯраки 120 ҳазор гектар шукуфтаасту суръати ҳосилғундорӣ рӯз то рӯз баланд мегардад. То ҳоли ҳозир пахтакорони вилоят ба анборҳои қабул беш аз сад ҳазор тонна пахта супурдаанд. Ва он шарофати тайёрии хуб ба маъракаи ҳосилғундорист.

Пахтакорони ноҳияҳои Сариосиё, Бойсун, Тирмиз, Қумқӯрғон, Деҳнав пешқадамони маъракаи ҳосилғундорианд. Дар ноҳияҳои мазкур нисбати супориши солона 4-5 фоизӣ пахта тайёр карда мешавад. Ноҳияҳои Бойсун ва Сариосиё аллакай супориши солонаро ба андозаи 60-70 фоиз ба иҷро расондаанд. Дар айни замон суръати дефолиатсияи пахтазор ҳам баланд мегардад.

**(Мухбири худамон).**

# Муборакбодиҳои самимона

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Аълоҳазрат,

дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз номи ҳукумат, халқи Ҷумҳурияти Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка ва аз номи худ ирсол кардани муборакбодиҳои гарму ҷӯшон ва дархостҳои самимона ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Муносибатҳои байни Ўзбекистон ва Шри-Ланка аз он ҷиҳат фарқ мекунад, ки онҳо дар пойгоҳи самимият ва фоидагарии байниҳамдигарӣ арзи амал мекунанд. Боварӣ дорам, ки муносибатҳои дуҷонибаи мо дар солҳои наздик вусъату таҳким меёбанд.

Аълоҳазрат, дархостҳои беҳтаринамро дар бобати тани сиҳҳати қавӣ, хушбахтӣ, хотирҷамъӣ ба Шумо, ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон бошад, сулҳу осоиш ва шукуфонӣ қабул фармоед.

**Чандрика Бандаранаике КУМАРАТУНГА,**
**Президенти Ҷумҳурияти Демократии Сотсиалистии Шри-Ланка.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Ҷаноби Президент,

аз ба Шумо ирсол кардани муборакбодиҳои самимона, ҳамчунин дархостҳои беҳтарини таманнои хушбахтӣ, шукуфонӣ ва комёбиҳо ба халқи ўзбек дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Ман аз ҷонибдории Шумо дар бобати гузарондани «Конфронси байналхалқӣ бахшида ба муаммоҳои паҳншавии моддаҳои нашъамандӣ» мамнун ҳастам. Иштироки фаъолонаи мамлакати шумо дар он гарави комёбии ин тадбир мегардад ва мехостам то ки умурҳои дахлдори мамлакатҳоямон аз амалиёти мутақобилаи худ якдигарро дар бобати тайёр кардани он бохабар созанд.

Аз ҷониби худ тамоми қувваву ғайратро ба хотири таҳкими ҳамкорӣ байни мамлакатҳоямон, аз он ҷумла дар мубориза ба муқобили бенавоии трансмиллӣ, терроризми байналхалқӣ ва муовизаи ғайриқонунии моддаҳои нашъамандӣ сафарбар мекунам.

Ҷаноби Президент, эҳтироми калони нисбататон доштаамро қабул фармоед.

**Жак ШИРАК,**
**Президенти Ҷумҳурияти Фаронса.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Аълоҳазрат,

қайдкунии 1 сентябр ҳамчун иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба ман сабаби мусоидро дар бобати ба Шумо ирсол кардани муборакбодиҳои самимона, дархостҳои тансиҳҳатӣ ва комёбиро дар фаъолияти шахсиву касбиатон, ба халқи ўзбек бошад, дархости сулҳу осоиш ва фаровониро фароҳам овардааст.

Дар ин бобат дилпур ҳастам, ки мулоқотиояндаи мо сабаби хуб дар бобати вусъат ёфтан ва таҳким бахшидани муносибатҳо байни Румыния ва Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар ҳамаи соҳаҳо ба фоидаи давлатҳо ва халқҳоямон мегардад.

Эҳтироми баландамро нисбататон қабул фармоед, Аълоҳазрат!

**Ион ИЛИЕСКУ,**
**Президенти Румыния.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Аълоҳазрат,

дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба ман аз номи халқи Ҷумҳурияти Македония ва шахсан аз номи худам изҳор кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарин оиди шукуфонӣ ба мамлакататон ва фаровонӣ ба халқи Ўзбекистон шараф асту қаноатмандии бузург мебахшад.

Аз мавриди истифода бурда, иҷозат фармоед эътимодамро дар ин бобат изҳор кунам, ки муносибатҳои дуҷониба байни мамлакатҳоямон минбаъд низ бомуваффақият инкишоф меёбанд, дар пойгоҳи ҳамкориву манфиати байниҳамдигарӣ ғанӣ мегарданд.

Аълоҳазрат, эҳтироми калони нисбататон доштаамро қабул фармоед.

**Борис ТРАЙКОВСКИЙ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Македония.**

**Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**
**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Ассалому алейкум,

Шумо, Аълоҳазрат, ҳукумати мамлакататон ва халқатонро ба муносибати ворид гардидани Рӯзи истиқлол самимона муборакбод менамоям.

Боварии комил дорам, ки алоқаҳои дӯстона ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурияти Исломии Эрон ва Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар ҳамаи соҳаҳо инкишоф ёфта, ба оромиву осоиш ва фаровонии халқҳои ҳар ду мамлакат хизмат мекунанд.

Аз Аллоҳи Қодир ба Шумо, Аълоҳазрат, сиҳҳат-саломатӣ, комёбиҳо, ба халқи дӯсти Ўзбекистон бахту саодат ва ҳаёти фаровонро мепурсам.

**Саййид Муҳаммад ХОТАМӢ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

ба муносибати 11-солагии ҷашни эълон гардидани мустақилияти давлататон аз номи халқи Ҷумҳурияти Тотористон ва шахсан аз номи худам Шумо ва тавассути Шумо халқи бародари Ўзбекистонро аз таҳти дил муборакбод менамоям.

Ўзбекистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияти худ дар роҳи эҳёи давлатдорӣ собитқадамона пеш рафта, ба тамоёлу ғояҳои демократӣ садоқатмандии худро намоиш медиҳад. Мо, тотористониён, дар ҳазорсолаи нав аз ба роҳи бунёдкорона даромадани Ўзбекистон беҳад хурсанд ҳастем, ба мамлакататон ва халқи он сулҳу осоиш, тараққиёт ва равнақро таманно мекунем. Ба мустаҳкам гардидани муносибатҳои дӯстонаи байни Тотористон ва Ўзбекистон боварӣ дорем, ҳамчунин дар роҳи бахту саодати халқҳои Россия ва Ўзбекистон ба амиқ гардидани ҳамкориҳоямон саъю кӯшиш менамоем.

**Минтемир ШАЙМИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Тотористон.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Ҷаноби Президент,

ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз номи раёсати Босния ва Ҳерсоговина ва шахсан аз номи худам ба шарафи муборакбодии Шумо ва халқи Ўзбекистон муяссар гардидан ва ирсол кардани дархостҳои самимона оиди равнақу амонӣ талабидан шод ҳастам.

Ҷаноби Президент, эҳтироми калони нисбататон доштаамро қабул фармоед.

**Бериз БЕЛКИЧ,**
**Раиси Раёсати Босния ва Ҳерсоговина.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Ба Шумо, ҳукумат ва халқатон муборакбодиҳои самимонаамро дар мавриди иди миллии халқи ўзбек—11-солагии истиқлолият ирсол мекунам.

Мӯътамад ҳастам, ки муносибатҳои хуби дӯстона байни мамлакатҳоямон рушду таҳкими минбаъдаро пайдо мекунанд.

Аз мавриди истифода бурда, ба Шумо ва халқатон комёбиҳои калонро дар кори таъмини мӯътадилӣ ва шукуфонии мамлакат таманно дорам.

**Ким Ен НАМ,**
**Раиси Раёсати Маҷлиси Олии Мардумии Ҷумҳурияти Мардумӣ-Демократии Куриё.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Дар мавриди қайди Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз ба Шумо, Аълоҳазрат, ирсол кардани муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтарин оиди тансиҳҳатӣ ва хушбахтӣ ба Шумо, ба мамлакату халқатон—шукуфонӣ ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

**Хоҷа Ҳассанал Болкиах,**
**Султони Бруней.**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

муборакбодиҳои самимона ва дархостҳои беҳтаринамро дар мавриди иди давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон—Рӯзи истиқлол қабул фармоед!

Қабули қонун дар бораи истиқлолияти давлатӣ ба марҳалаи нави рушди фарҳанги миллии Ўзбекистон, эҳёи урфу одат ва анъаноти халқӣ, ошкор ёфтани самтҳои нави сиёсиву иқтисодӣ мусоидат намуд.

Мӯътамад ҳастам, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод байни мамлакатҳоямон ба хотири фаровонии халқҳоямон, баҳри манфиатҳои сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар саросари ҷаҳон хизмат мекунад.

Ба Шумо тандурустӣ, комёбиҳои навро дар вазифаи масъулиятнок, ба халқи бародари Ўзбекистон фаровонӣ ва шукуфониро таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром**
**Дмитрий АЯСКОВ,**
**губернатори вилояти Саратов.**

# Роҳи пуршарафи истиқлол




***Дар оғози мақоламон таҳти ҳамин унвон гӯшрас карда будем, ки Ўзбекистон дар пойгоҳи панҷ усулияти ба худ хос ба иқтисоди бозаргонӣ қадам партофта, алҳол иқтисодиёти пурқувватро ба вуҷуд оварда, муносибатҳои иқтисоди бозаргониро дар амал собитқадамона татбиқ карда, ба сӯи мақсади оличанобонаи худ—сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ дилпурона пеш меравад. Сохтани давлатиояндааш бузургро пешаи асосии худ қарор додаст. Дар мақолаи гузашта дар бораи усулияти сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ мухтасар нақл кардем ва дар хотима хоҳиш пайдо шуд, ки дар бораи чор усулияти боқимондае ҳам мухтасар ҳарф занем, ки муаллифи он Президенти мамлакатамон мебошаду дар натиҷаи собитқадамона амалӣ гардидани ҳаёти мардумонро ба куллӣ тағйир додааст.***

***Инак, нақли мухтасар дар бораи самараи чор усулияти боқимонда дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолият.***

## 18. Сутунҳои устувори пешрафт

Чор усулияти дигарро ин тавр тавзеҳ додан мумкин аст, ки таҳиягари он Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов мебошад. Ва он маънии бартарият доштани иқтисодиёт аз сиёсат, ислоҳотгари асосӣ бояд давлат ва ҳокимияти қонунӣ бошад, дар назди қонун ҳама баробаранд, роҳи эволютсионии тараққиётро дорад.

Дар тӯли ёздаҳ соли тараққиёти мустақилонаи Ўзбекистон ин усулиятҳо ҳаётӣ будани худро исбот карданд ва яке аз сарчашмаи муҳими дар фурсати кӯтоҳ пеш рафтани Ўзбекистон,



аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои муносиби худро ёфтани он гардиданд.

Ва ин усулиятҳо чӣ гуна самар бахшиданашро мухтасар тавзеҳ медиҳем.

Ўзбекистон дар тӯли ёздаҳ соли пешрафти худ пеш аз ҳама «дарду маризиҳо»-ро шифо бахшид, ки аз салтанати кӯҳна мероси гарон шуда боқӣ монда буданд. Ва ин маризӣ пеш аз ҳама дар ба ҳисоб нагирифтани омилҳои истеҳсоливу афзоиши аҳолӣ буданд. Яъне, дар салтанати пештара афзоиши аҳолӣ ва қувваи истеҳсолӣ бо заминаи зарурии моддиву техникӣ мустаҳкам нагардида буд. Шумораи аҳолӣ бо суръати баланд зиёд шудан мегирифту ягон кас ғами бо манзил, бо кор таъмин кардани онҳоро фикр намекард. Марказ ба Ўзбекистон ҳамчун заминаи ашёи хом муносибат мекарду асосан якказироатии пахта ҳукмрон буд. Ўзбекистон дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолияти худ оқибатҳои ана ҳамин сиёсати нодурусти собиқ Иттиҳоди Шӯравиро нисбати халқи худ, мамлакати хеш бартараф сохт. Яъне мо иқтисодиётро аз сиёсат воло гузоштему корҳои зиёдеро ба иҷро расондем ва мерасонем. Амволро аз тасарруфи давлат баровардем, хусусигардониро авҷ гирондем, барои ба вуҷуд овардани серамволдорӣ роҳи васеъ кушодем, деҳқон, коргар, дигар соҳибони касбу корро барои соҳиби замин, амволи худ гардидан роҳнамун сохтем. Вусъат ёфтани ҳаракати иҷоракорӣ, фермерӣ, тадбиргариву соҳибкорӣ, саҳҳомӣ нишонаи муайян дар бобати мутеъ насохтани иқтисодиёт ба сиёсат, мафкура буд.



Аз он вазъи ташвишовар ва мероси гарони ба дӯш гирифта ёздаҳ сол сипарӣ гардид. Имрӯзҳо вақте ки дар ҷумҳурият намудҳои гуногуни моликият арзи ҳастӣ мекунанд, сатҳи зиндагонии одамон ниҳоят баланд рафтааст, то чи андоза муҳим будани аз сиёсат воло гузоштани иқтисодиётро пай мебарем. Охир, дар ин фосила Ўзбекистон комёбиҳоро ба даст овард, ки ба садсолаҳо баробар аст. Минҷумла, Ўзбекистон ба беш аз 130 мамлакати ҷаҳон равобити бевоситаи иқтисодиро ба роҳ мондааст. Онҳо мамлакатҳои роҳи тараққиёташон гуногуну дар қитъаҳои мухталиф ҷойгиранд ва сохташон ҳам гуногун аст. Мамлакатҳои хориҷи дур, аз қабили Куриёи Ҷанубӣ, Олмон, Англия, Фаронса, Чехияву Словакия, Туркияву Эрон, хориҷи наздик Россия, Қазоқистон, Украина дар аксар соҳаҳо бо Ўзбекистон алоқаро барқарор кардаанд. ИМА ва Ҷопон барин давлатҳои муқтадири ҷаҳон шарики стратегии Ўзбекистон гардидаанд. Бар асари кӯмаки сармоядорони ин мамлакатҳо дар Ўзбекистон алҳол беш аз се ҳазор корхонаи муштарак фаъолият бурда, асосан маҳсулотеро тайёр мекунад, ки ба содирот рӯ овардааст.

Робитаи берунии иқтисодии Ўзбекистон бо бисёр дигар мамлакатҳои ҷаҳон дар пойгоҳи баробарӣ, фоидаи байниҳамдигарӣ рушд меёбад. Ҷумҳуриятамон торафт шарики баобрӯ ва боэътимод дар бозори ҷаҳонӣ, иштирокдори фаъол дар низоми муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ мегардад.

Аз ҳамин ҳисоб танҳо дар нимаи якуми соли ҷорӣ маҳсулоти умумии дохилӣ 4,2 фоиз афзуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба—7,2, молҳои истеъмоли халқ ба—11,5, маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба—4,5 фоиз афзуд. Муовизаи моли чаканафурӯшӣ дар нимсола ба 8,3 фоиз, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ ба—12,7 фоиз зиёд гардид. Ду сол паси ҳам дар савдои беруна савдои мусбӣ ба даст меояд ва он дар нимсолаи кунун боз ҳам бештар гардид. Бештар ба иқтисодиётамон сармояи хориҷа ҷалб карда мешавад. Куриёи Ҷанубӣ, Олмон, Ҷопон, ИМА ба мамолики сармоягузорони фаъол мубаддал гардидаанд. Аз ҳама муҳимаш мамлакати мо сиёсати дарҳои бозро пеш гирифтааст. Яъне мамлакате, ки ба мо бо чашми нек назар меафканад, метавонад бе ягон мамониат ба бозорамон даромада ояд.



Ва он пеш аз ҳама шарофати аз сиёсат воло гузоштани иқтисодиёт мебошад.

Ҷумҳуриятамон дар тӯли ёздаҳ соли тараққиёти мустақилонаи худ дар амал исбот кард, ки агар давлат ва ҳокимияти қонунӣ нақши ислоҳотгари асосиро бозад, дар он сурат ба ҳаллу фасли муаммои дилхоҳ қодиру қобил мебошад. Ва он ҷавобгӯи усулияти навбатӣ—ислоҳотгари асосӣ бояд давлат ва ҳокимияти қонунӣ интихобгардида бошад, аст. Давлату ҳокимият қонунии интихобгардида пеш аз ҳама заминро ба деҳқонон тақсиму ба иҷора дод, яъне тақдири деҳқон ба замин, замин ба деҳқон абадан пайваст гардид. Шаклҳои мухталифи амволдорӣ дар кишоварзӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Ширкатҳо, иҷоракорону пудратчиёни оилавӣ соҳаи кишоварзиро ба даст гирифтанд. Хоҷагиҳои зараровар барҳам зада, ҷои онҳоро хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ишғол намуданд. Махсусан ба рушди хоҷагиҳои фермерӣ диққату эътибор калон гардид. Корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ доманадор шуданд. Таркиби низоми истеҳсолоти кишоварзӣ тамоман аз нав дида баромада, ҳосилхезии замин таъмин карда шуд. Нархи хариди маҳсулот—ашёи хом баланд бардошта манфиати истеҳсолгарони он боэътимод ҳимоя мегардад. Хусусигардонии амвол доманадор гардида, ба сар задани амволдории серсоҳа асос гузошт.

Замин ба деҳқонон тақсим карда шуда, шакли пудративу иҷоракорӣ доманадор гашт. Хоҷагиҳои деҳқонӣ аз 20 то 30 сотиҳӣ соҳиби замин гардиданд. Ҳосилнокӣ дар ин хоҷагиҳо нисбат ба хоҷагиҳои ҷамоавӣ ду-се баробар зиёд аст. Аз ин рӯ онҳо маҳсулоти зиёдатии худро дар бозор мефурӯшанд ва сабаби арзон будани арзи махсулот дар бозорҳоямон дар ҳамин аст.

Вазъи иҷтимоиёт ҳам ба куллӣ беҳтар гардид. Аксар аҳолии шаҳру деҳотамон аз оби ошомиданӣ ва гази табиӣ тавассути хатти нақли онҳо бархурдор мегарданд. Ва он пеш аз ҳама шарофати фармонҳои Президент ва қарорҳои ҳукумат дар бораи беҳтар кардани вазъи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурият мебошад.

Заминаи қонунгузорӣ сари вақт ба вуҷуд оварда шуд ва он пеш аз ҳама дарҳамӣ-барҳамиро аз байн бардошт. Ҳамагон дар доираи қонун фаъолият пеш мебурдагӣ шуданд. Яъне ҳисси итоаткорӣ ба қонун боло гардид.

Тамоми ҷодаҳои хоҷагии халқ ислоҳ карда мешаванд ва сару сарвари ин ислоҳотҳо давлату ҳукумат мебошанду нақши ислоҳотгари асосиро мебозанд. Яъне дар давраи гузариш давлат фишанги идоракуниро ба дасти худ гирифтааст.

Дар чунин шароит итоаткорӣ ба қонун низ нақши калон дорад, ки онро ислоҳтгари асосӣ давлату ҳокимияти қонунан интихобгардида собитқадамона дар амал татбиқ мекунанд. Чунки ҳамагон хуб медонанд, ки тартибу интизом калидиояндаи хушбахтона мебошад. Мо интизому тартиб гуфта, муносибати неки инсонӣ ба инсон, муҳаббатро ба диёри хеш, таъриху фарҳанг,- эҳтироми қонуну анъанотро дар назар дорем. Дар айни замон таҷрибаҳо собит кардааст, дар маҳале, ки ҳуқуқу шаъну шарафи инсон поймол мегардад, он ҷо инкишоф насиб намегардад. Чунки виҷдон ва шарафи инсон аз ҳама чиз воло меистад.

Бинобар ин усулияти дар назди қонун ҳамагон баробар буданашон дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолият аҳамияти калон доштани худро дар ҳаёт амалан исбот намуд. Чунки мо волоият доштани қонунҳо ва ба қонунҳо риоя намудани ҳамагонро таъмин сохтем. Чунки бе он кор буд намешавад: бо хотири ватан кор кунӣ, қувваву ғайрататро дареғ надорӣ, тамоми ҳастиатро бахшӣ, раҳмат мегӯянд ва агар қонунро вайрон, ба ватан хиёнат, дуздиву қаллобӣ кунӣ, роҳи ғайриқонуниро пеш гирӣ, бояд мувофиқи қонунҳо ҷавоб диҳӣ, маҳаки асосии фаъолият гардид.

Алқисса, мо волоият доштани қонуну ҳурмат ба қонунро таъмин карда, ба он муваффақ гардидем, ки адолат тантана кунаду мамлакатамон гул-гул шукуфад, диёрамон обод, зебо гардида, пеши роҳи зӯран бор кардани ақидаи ақалият бар умум, саъю кӯшиши гурӯҳи одамони ғаразнокро дар бобати вожгун сохтани ҳокимияти қонунан интихобгардида пешгирӣ намоем.

Баъди ёздаҳ соли сипарӣ шудани истиқлолият акнун ҳамагон ҳис намуданд, ки барои чӣ ба ҷамъият волоият доштани қонунҳо чун боду ҳаво зарур будааст. Охир бидуни он ҷамъияти ҳақиқатан адолатпарвар, давлати ҳақиқатан ҳуқуқбунёдро барпо кардан душвор буданашро амалия исбот мекунад.

Дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолият мо роҳи эволютсионии тараққиётро пеш гирифта, пай бурдем, ки он хосу моси мамлакати мо будааст. Яъне, мо ислоҳотро марҳила ба марҳила амалӣ гардондем. Шароитро ба назар гирифта, ба ин кор даст задем. Агар ба оилаҳои камбисоат, серфарзанд, куҳансолон, ночорон, маълӯлон ва ғайра мадад намерасондем, ҳама чиз барбод рафтанаш муқаррар буд. Агар чунин рафтор намекардем, ягон хел соҳибкорӣ, тадбиргарӣ ё худ муносибати иқтисоди бозаргонӣ намешуд. Марҳила ба марҳила гузаштан ба ҷамъияти нав маънои пеш аз ҳама ҳимоя намудани манфиати камбисотонро дошт. Яъне мо катаклизм бо ибораи дигар бе ҷаҳиши сохтаи инқилобӣ, фаъолияти худро ба роҳ мондем. Ва он сабаб дошт. Аввало, асоси иқтисодиёти моро ашёи хом ташкил медод. Ва он нисбати маҳсулоти тайёр чандин маротиба арзон буданаш ба касе пинҳон нест. Дуюм, кадрҳо, техника ва технологияи замонавӣ лозим буд. Манфиати истеъмолгарро ба назар гирифта, барои рақобати солим шароит фароҳам оварданамон лозим буду он вақти муайянеро тақозо дошт.

Барои ба рӯи об баровардани ин корҳо таҷрибаи мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ омӯхта шуда, бо назардошти анъанот, урфу одати маҳаллӣ эҷодкорона татбиқ гардиданд. Баъди самар овардани онҳо дар саросари ҷаҳон ҳамчун роҳи ба худ хосу моси пешрафти Ўзбекистон эътироф гардид.

### Ба ҷои хотима

Алқисса, мо дар ҳаждаҳ мақолаи кӯчаки худ оиди муваффақиятҳои Ўзбекистон дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолият мухтасар нақл кардем. Ҳамонро хулоса карда гуфтан мумкин аст, ки Ўзбекистон ба панҷ усулияти ба худ хоси тараққиёт такя намуда, нисбат ба дигар мамлакатҳои ИДМ дар бобати баланд бардоштани сатҳи ҳаёт, пешрафти иқтисодӣ хеле пеш рафт. Соли гузашта Ўзбекистон дар бобати тайёр кардани маҳсулоти умумии дохила ба дараҷаи соли 1990 расид ва имсол пайваста баланд мегардад. Аз ҳама муҳимаш, дар Ўзбекистон сарвати аз ҳама гаронбаҳо—сулҳу осоиш, мӯътадилӣ, ризоияти миллӣ ҳукмрон аст.

Комёбиҳоямон дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ хушнудкунандаанд ва он ҳаваси дигаронро меоварад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи ба худ хоси пешрафти Ўзбекистонро эътироф намуда, дар ин бобат якчанд конфронсу семинарҳо гузаронд. Аз он ҷумла, рӯзномаи «Независимая газета», ки дар Россия рӯи чопро мебинад, баъди мағзобапошҳои сершумори худ эътироф мекунад, ки «Пешрафти равандҳои иқтисодии Ўзбекистон барои дигар ҷамоҳири собиқи шӯравӣ намунаи ибрат гардида метавонад. Ба он далели мазкур мисол шуда метавонад, ки дар Ўбекистон дараҷаи пешравӣ аз соли 1990 гузаштааст». Дигар нашрияҳо, олимони номдор ҳам дар мақолаҳои сершумори худ якдилона эътироф мекунанд: «Ўзбекистон ба шакли ўзбекистонии тараққиёт амал мекунад».

Ва ҳоҷат ба баён нест. Фақат таъкид кардан лозим меояд, ки шакли ўзбекистонии пешрафт, тараққиёт, азнавсозӣ дуруст будани худро дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолият исбот кард, аз имтиҳони таърих бомуваффақият гузашт, онро эҳтирому эътироф мекунанд.

Вале вазифаи имрӯза аз бо ҳамин роҳ собитқадамона пеш рафтан, комёбиҳоро аз ин ҳам афзун гардондан, баъзе муаммову нуқсонҳои мавҷударо ҳаллу фасл ва решакан кардан мебошад. Дар он сурат ҳаётамон боз ҳам фаровон, дастархонамон моломол, сатҳи зиндагиамон аз ин ҳам боло рафта, худ аз худ ба мамлакати мо низ номи «Бабри Осиё» насиб мегардад. Ба ин шакку шубҳа нест.

Ҳамин тавр, Ўзбекистон дар тӯли ёздаҳ соли истиқлолияти худ роҳеро паймуд, ки онро дигар мамлакатҳо садсолаҳо тай карда буданд. Ва ин комёбиҳо асоси муҳим барои фатҳ кардани қуллаҳои навбатӣ гардиданашон, дар роҳи сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ қутбнамо шуданашон лозим.

**Э.ТУРДИҚУЛОВ.**
**Аксбардор Т. МАҲКАМОВ.**



**Евгений Чеховский** (дар рост) ва аввалин соҳиби роҳхат (с.2000) **Руслан Чебанов.**

# Чеховский ба Женева меравад

***Аз хусуси он ки Барномаи тараққиёти Созмони Милали Муттаҳид барои бачаҳои 14-16 сола озмуне барпо карда буд, дар рӯзномаи «Овози тоҷик» навишта будем.***



Чанд рӯз пеш қисми финалии он барпо шуда, номи ғолибони озмун маълум гардид.

Дар он аз вилоятҳо ва асосан аз пойтахт мактабиён ва талабагони коллеҷу литсейҳо ширкат намуданд, ки мукофоти асосӣ—роҳхатро ба қароргоҳи Комиссияи урупоии иқтисодӣ, ки дар Женева мебошад ба даст оранд.

Дар озмун 28 нафар ба тамоми суолҳо ҷавоби дуруст гуфтанд ва аз байни онҳо бо роҳи қуръакашӣ соҳибони мукофотҳои асосӣ муайян карда шуданд. Венера Зиёваддинова ва Бекзод Турбанов аз пойтахт мувофиқан соҳиби ҷоизаҳои дуюм ва сеюм—компутер ва дастгоҳи мусиқагардон шуданд, ки онро ба номбурдагон ҳомии асосии озмун «Штейнерт индастриз» тақдим кард.

Барои намояндагони вилоятҳо аз ширкати «Шарқ-Мир» тӯҳфаҳои алоҳида супурда шуд.

Ҳамаи 80 нафар иштирокдорони қисми финалии озмун бо имзои Дабири Кулли СММ Кофӣ Аннан дипломро ҳам соҳиб шуданд.

Ва роҳхат ба Женева бошад ба Евгений Чеховский—хонандаи коллеҷ аз Тошканд, насиб кард, ки харҷи онро сафоратхонаи Шветсария дар Ўзбекистон мепардозад.

Намояндаи доимии СММ дар Ўзбекистон Ричард Конрой ва муовини аввали вазири маорифи халқи Ўзбекистон Рустам Аҳлиддинов ғолибон ва ҳамаи иштирокдорони озмунро табрик гуфтанд. Барномаи ин шоми меҳмонхонаи «Интерконтинентал» бо консерти аҷиб ба итмом расид, ки он дар ёди ин наврасон бешубҳа дер боқӣ хоҳад монд.

**Т. ИКРОМОВ.**

Дар даромадгоҳи намояндагии СММ дар Тошканд, ки довталабони озмун ҳамеша барои кор ва ҷустуҷӯ дар Интернет дар навбат буданд.

*Шарҳи рӯзнома*

# Дар роҳи таҳкими заминаи қонунгузорӣ

***Ҳафтаи гузашта Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи зина ба зина ҷорӣ кардани низоми декларатсиякунии ҷамъи даромади шахсони ҷисмонӣ» ва қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба такмил додани фаъолияти Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон» дар матбуот эълон гардид, ки ба соҳаҳои мухталифи ҳаёт дахл дошта, аз ҷиҳати аҳамият аз якдигар монданӣ надоранд ва барои ба тартиб андохтани ҷабҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурият нигаронда шудаанд. Дар поён аҳамияти ин ҳуҷҷатҳо мухтасар тавзеҳ дода мешаванд.***

## 1. Пеши роҳи даромади муфт гирифта мешавад

Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримовро «Дар бораи зина ба зина ҷорӣ кардани низоми декларатсиякунии ҷамъи даромади шахсони ҷисмонӣ»-ро ҳамин тавр мухтасар шарҳ додан мумкин аст. Ва он ба хотири ба рӯи об баровардани қарорҳои мақомоти қонунбарорӣ—Олий Маҷлис аз 7 декабри соли 2001 «Дар бораи тағйиротҳо ба қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 24 апрели соли 1997 «Дар бораи тартиби ҷорӣ кардани Кодекси андози Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» ва ба мақсади зина ба зина дар ҷумҳурият ҷорӣ кардани низоми декларатсиякунии ҷамъи даромади шахсони ҷисмонӣ қабул гардидааст.

Фармони мазкур беҳуда қабул нагардидааст. Алҳол дар ҳамаи мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ, ки усулиятҳои иқтисоди бозаргонӣ дар ҳаёт собитқадамона татбиқ гардидааст, фаъолияти озоди тадбиргарӣ таъмин гардидааст, амалияи декларатсиякунии ҷамъи даромади шахсони ҷисмонӣ ҳукми анъанавиро пайдо кардаасту пеш аз ҳама барои бастани роҳи даромади муфт мусоидат мекунад. Ва он пеш аз ҳама барои аз байн бардоштани даромади ғайриқонунӣ, ки аз фурӯши хариди хона, қитъаи замин ва моли ғайриманқул, қоғази қиматнок ва дигар маводи гаронбаҳо ҳосил мегардад, алоқаманд аст. Чунки аксар вақт ин амалиётҳо ғайриқонунӣ ба рӯи об бароварда мешаванд ва ба давлат ба қадри зарурӣ аз рӯи ин даромадҳо андоз супурда намешаванд. Яъне он маънии зарар расондан ба буҷаро дорад. Буҷа бошад, ин пеш аз ҳама ба зиёд кардани музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷавӣ, амалӣ гардондани сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ, таъмини амнияту мудофиаи мамлакат, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ, ба миқёси калон иҷро кардани корҳои бунёдкорӣ алоқаманд аст.

Маънии асосии декларатсиякунии даромади шахсони ҷисмонӣ ин таъмини ошкорогӣ, аз нигоҳи қонунӣ тасдиқ кардани манбаи даромади шаҳрвандонро дорад. Он ихтиёрӣ буда, аз ҳамин сабаб аз нигоҳи қонунӣ таҳким бахшидани чараёни мазкур, истифода бурдани муҷозоту ҷаримаи иқтисодӣ, аз он ҷумла, ҷавобгарии ҷиноиро барои пешкаш накардани эъломия, манбаъҳои даромадҳо, қасдан кам карда нишон додани даромаду пинҳон кардани онҳо тақозо дорад. Ва ин низом дар бобати мубориза ба муқобили коррупсия, ришватхӯрӣ, иқтисодиёти ниҳонӣ воситаи муҳим ба ҳисоб меравад. Яъне ҷорӣ кардани низоми мазкур пеш аз ҳама пеши роҳи тамоми манбаъҳоеро мегирад, ки барои арзи ҳастӣ кардани иқтисодиёти хуфиёна, муовизаи ғайрибонкии маблағҳо ҳамчун асоси муҳим хизмат мекунад.

Ва ҷорӣ кардани низоми мазкур на танҳо бар зидди коррупсияву иқтисодиёти хуфиёна, ришватхӯрӣ дар айни замон барои ошкор сохтани қобилияти аҳолӣ ва аз манбаъҳои мухталиф гирифтани даромади қонунӣ мусоидат мекунад. Аз ҳамин сабаб дар фармон бо сатрҳои алоҳида ин тавр баён шудааст: «Маблағҳои нақди шаҳрвандон, ки дар ҳисобсурати депозитивиашон дар бонкҳои ҷумҳурият ҷойгир гардидааст, ба декларатсиякунӣ мансуб нестанд ва манбаи аз куҷо ҳосил шудани онҳоро тасдиқ кардан шарт нест». Ва он пеш аз ҳама барои рағбатноксозии тадбиргарии хусусӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, озодкунии иқтисодиёт, аз байн бардоштани маҳдудият дар бобати гирифтани музди меҳнат, кам кардани дахолати мақомоти ҳокимияти давлативу назоратӣ ба фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо ва шаҳрвандон нигаронда шудааст. Пеш аз ҳама пурҷӯшу хурӯш меҳнат кардани одамон, бештар даромад гирифтанашонро таъмин месозад. Аз ҳисоби ин маблағҳо аз бонкҳои дахлдор фоизи даромад мегиранд. Ва ҷорӣ кардани низоми мазкур ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва амволдории шаҳрвандон паст зада мешавад. Ба дахолат кардан ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон ва дигар қонуншиканиву сӯиистеъмол ҳаргиз роҳ гузошта намешавад. То пурра ҷорӣ гардидани низоми мазкур аз шахсоне, ки дар ду ва бештар ҷо кор мекунанд, эъломияи эълон кардани даромад талаб карда мешавад. Ҳамчунин даромадҳо аз ба рӯи об баровардани амалиётҳои якдафъаина, аз қабили савдо, кор, адои хизмат аз тарафи шахсони ҷисмонӣ бидуни номнавискунии давлатӣ ҳамчун тадбиргари инфиродӣ дар эъломия ҷо пайдо мекунанд ва мувофиқи он андоз ситонда мешавад.

Алқисса, низоми мазкур барои решакан кардани қонуншиканӣ аз рӯи даромад нигаронда шудааст.

## Баҳри рушди мусиқӣ

Маълум аст, ки ба сохтаву истифода супурдани Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон беш аз панҷ моҳ гузашт. Дар ин муддат бисёр корҳои ташкилӣ ба иҷро расонда шуданд. Вале ҳаллу фасли масъалаҳо дар пеш аст, ки ба ҷиҳатҳои ташкилӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳо оид ба такмил додани фаъолияти Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон» қабул гардидааст. Ва ин қарор ба хотири ба рӯи об баровардани Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи ба Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон мубаддал сохтани Консерваторияи давлатии Тошканд», ба мақсади рушди санъати мусиқӣ дар заминаи мероси миллии мусиқии халқи ӯзбек, ба вуҷуд овардани низоми нави хушсифати таълими мусиқӣ, такмил додани тайёркунии кадрҳои баландмалакаи кормандони санъат барои бисёр вазорату идораҳо ҳамчун дастуруламал хизмат мекунад. Чунки дар он дар фурсати кӯтоҳ ба рӯи об баровардани бисёр корҳо пешбинӣ гардидаанд. Аз он ҷумла ба мақсади амиқан омӯхтани мероси мусиқии чандинасрина, рушди санъати миллӣ ва ҷаҳонии мусиқӣ, омӯзиши таърихи асбобҳои миллии мусиқӣ дар назди ин кошонаи санъат Маркази илмиву тадқиқотӣ ва Осорхонаи мусиқӣ созмон дода мешавад. Ба мақсади таъмини муассисаҳои таълимии мусиқӣ бо адабиёти зарурӣ, ба роҳ мондани интишори онҳо Нашриёти махсусонидашудаи «Мусиқӣ», матбаа ва студияи сабти овоз ташкил мегардад. Бо ҷавонони қобилиятноке, ки дар муассисаҳои номдори мусиқии ҷаҳон таҳсил мегиранд, алоқаи доимӣ барқарор гардида, барои кор ба муассисаи таълимӣ олимону санъатшиносони номдори хориҷаву ватанӣ даъват мегарданд. Дар назди Консерватория литсеи академӣ барои бачагони қобилиятнок созмон ёфта, ба он ҳар сол 125 муҳассил ҷалб мегардад. Нақшаву барномаҳои нави таълимӣ таҳия мегарданд. Мактабҳои махсуси ҷумҳурии мусиқии ба номи В.Успенский, Р.Глиэр ба литсейҳои махсуси ҷумҳурии мусиқӣ мубаддал гардиданд.

Давлат баробари ин барои баланд бардоштани малака ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи мазкур низ пайваста ғамхорӣ мекунад. Дар ин бобат дар назди Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон кушода шудани факултаи баланд бардоштани малака аҳамияти калон дорад. Ва ба ин факулта нақшаву барномаи махсуси таълимӣ таҳия карда мешавад. Барои таъмини босамари истифода ва дараҷаи баланди техникии коммуникатсияҳои мураккаби муҳандисии маҷмӯи нодири бинои Консерватория Маъмурияти истифодабарии ин кошона ташкил мегардад. Аз ҳама муҳимаш, тамоми корҳо бо маблағи зарурӣ таъмин карда мешаванд, ки асосан аз ҳисоби буҷа ва Вазорати фарҳанг гирифта мешаванд. Тадқиқотҳои дар ин кошонаи санъат ба рӯи об бароваранда аз рӯйхати барномаҳои давлатии илму техника ҷо пайдо мекунанд.

Алқисса, дар ҳар сатри қарор ғамхорӣ ва диққату эътиборро пай мебаред. Ҳис мекунед, ки давлат ба он ғамхорӣ мекунад, то ки ин кошонаи нодири санъат ва таълим бобрӯй гардад, маркази мутобиқгари мусиқӣ гардида, барои рушди ин соҳа хизмат намояд.

Консерватория аз ҳаёти ҷумҳурият мақоми муҳими худро пайдо кардааст. Алҳол дастпарварони он дар саҳнаҳои беҳтарини ҷаҳон ҳунарнамоӣ мекунанд, дар Олмон, Фаронса, Россия, ИМА барин мамлакатҳо кору таҳсил менамоянд. Аз дарсхонаҳои он мутахассисоне ба камол мерасанд, ки бо сирру асрори мусиқии милливу ҷаҳонӣ ошноянд. Қалбҳоро ба ваҷд меоваранд. Ва қарори мазкур барои боз ҳам бештар ошкор кардани қобилияту истеъдоди онҳо барин ҳунарварон хизмат мекунад.

Боварӣ ҳаст, ки қарори мазкур барои ошкор сохтани соҳибистеъдодҳои нав ва баҳри рушди Ватан саҳми муносиб гузоштани онҳо такони навбатӣ мегардад.





Комбинати винои ба номи Ховренкои шаҳри Самарқанд яке аз корхонаҳои куҳан ба ҳисоб меравад. Солҳои охир дар корхона бар асари гузарондани корҳои таҷдид баробари афзудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот сифаташ ҳам баланд гардида, аз хориҷ харидорони зиёде пайдо кардааст.

**Дар суратҳо: 1.** Муҳандис кимёгарон **Олга Хорина** ва **Илсияр Мавлутова** дар сари кор. **2.** Коргарон **Азиз Маматкулов, Комил Раҷабов,** мудири лабораторияи марказӣ **Асад Акобиров** ва сардори сех **Ҳайдар Зокиров** дар назди маҳсулоти тайёр.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**

*Андешаҳо*

# Сӯх ҳам як порчаи Ватан аст

Гузаштаи на он қадар дур дар хусуси «ояндаи дурахшон»—и Сӯх суханҳои баландпарвоз мегуфтанд. Мегуфтанд, ки ба азхуд кардани мавзеи Қайроқ, ки беш аз ҳазор гектар замин дорад, шурӯъ кардем. Боз мавзеъҳои азхудшудании дигаре ҳастанд бо номҳои «Ҷавпоя» ва «Малбут», ки нигарони як ҳаракати мо... Заводи консерв дорем ва бо намояндагони фирмаи «Текфен»—и Туркия шартнома бастем, корхонаи муштарак маҳсулоти аълосифат хоҳад баровард... Оби шифобахши чашмаҳои худро, ки бино ба хулосаи мутахассисони «Минлечресурс»—и ҷумҳурӣ аз оби Трусковетс фоидабахштар аст, ба вом мефурӯшем... Санатория месозем... корхонаҳои хурди шоҳию атлас, гилембофӣ, пойафзолдӯзӣ мекушоем ва ғайраву хоказо.

Афсӯс, нақшаҳо рӯи об набаромаданд ва дар ин байн ноҳия боз аз баъзе чизҳое, ки дошт маҳрум гашт. Чунончи, билкул муфлис гардидани заводи консерв, ба ҳоли ногувор афтодани фабрикаи пойафзол, ки наздик ҳазор нафар дар он кор мекарданд. Афзудани бекорӣ... Душвор гардидани аз Сӯх баромадан ва ё ба ҳудуди он ворид гаштан. Гузаронидани мол ва маҳсулот бошад, боз ҳам сангинтар.

Гап сари он ки ноҳия аз чаҳор самт бо ҷумҳурии Қирғизистон иҳота шуда ва байни Сӯху Риштон панҷ нуқтаи назоратии гумрукиву сарҳадӣ ва умури дохилии давлати ҳамсоя мавҷуд аст.

Хуб аст, ки халқҳои маҳаллӣ муносибати хуби ҳамсоягӣ доранд ва роҳ намедиҳанд, ки тамаъкории чанд нафар боиси ҳолатҳои ногувор ва муташанниҷии вазъи ду мамлакати ҳамҷавор гардад.

Воқиан, вақтҳои охир симои зоҳирии марказ ва як қатор деҳоти воҳаи Сӯх дигаргун шудааст. Бинои нави ҳокимият диққатрабост. Дар кӯю гузарҳо, тавассути истифодаи имкониятҳои дохилӣ ободгариҳо намудаанд. Ва як ҳодисаи фараҳбахш дар ҳаёти сӯхиён: ба наздикӣ дар ноҳия комбинати орд ба истифода супурда шуд. Дар маросими кушоиши он худи раиси Ӯздонконцерни ҷумҳурӣ Н.Низомиддинов ширкат варзид ва ваъда дод, ки орди комбинат ба худи аҳолии Сӯхзамин фурӯхта хоҳад шуд. То ин вақт гандуми ноҳия ба шаҳраки Бағдод бурда ва аз он сӯ орд оварда мешуд. Акнун дар комбинати навбунёд соле то 1700 тонна орд истеҳсол кардан мумкин, ки он ба аҳолии Сӯх қариб то ним сол кифоя мекунад. Ва дар ҳолати аз шаҳраки Бағдод ба Сӯх кашондани 1700 тонна орд, назар ба ҳисобу китобҳо, танҳо харҷи нақлиётӣ 26 миллион сӯмро ташкил медод.

Ҷавонмарди фозил ва тадбиркор Камолиддин Азизов аз он изҳори қаноатмандӣ мекунад, ки халқ бо ҳокими нав Ҳ. Сайфиддинов забон ёфта ва як қатор корҳои хайр ба сомон мерасанд.

Бо ифодаи образноки як шоири маҳаллӣ «нарм—нармак ҷунбише ҳаст». Ин хуб аст, вале хубтар мешавад бо иродаи матин ва ҳаракати сахту мустаҳкам ба ин «ҷунбиши нарм» вусъат бахшанд.

Дар Сӯхе, ки миёни чордевори кӯҳҳо, зоҳиран, аз назарҳо монда, вазъи иҷтимоию иқтисодиаш хуб нест,— андешаманд мегӯянд равшанфикрони ноҳия,— роҳбарони масъулро лозим аст, ки шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, аз паи ҳалли муаммоҳо шаванд. Ҳаракат ва ҳаракат... Охир, бо ифодаи маъмул, ба кӯдаке ,ки хомӯш аст, модар беэътибор хоҳад буд. Муаммоҳо бошанд, басо зиёданд ва қисме танҳо бо дилсӯзӣ ва назари неки роҳбарони вилоят ба идораҳои ҷумҳурӣ метавонанд ҳалли худ ёбанд.

### 1

Барои истифодаи корхонаю ташкилотҳо, сарфи назар аз чӣ гуна будани шакли мулкдорӣ, ҳамчунин барои таъмини эҳтиёҷи хоҷагиҳои ширкатӣ, деҳқонӣ ва фермерӣ ва шахсони ҷудогона соле панҷ ҳазор тонна сӯзишворӣ ба ноҳияи Сӯх аз ноҳияҳои Бағдод, Олтиариқ ва шаҳри Фарғона оварда мешавад. Ба ҳисоби миёна рӯзе се автомошин 13,5 тонна бензин мекашонанд. Ба худи ин се мошин 300 литр дар як рӯз дар давоми сол бошад 110 тонна бензин сарф мешавад. Бо ифодаи дигар , танҳо харҷи кашондани сӯзишворӣ соле 25 миллион сӯмро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин корхонаҳое мавҷуданд, ки миқдори фонди моҳонаашон ночиз ва онҳо маҷбуранд барои овардани як тонна бензин ҳам мошини алоҳида, бифиристанд.

Чӣ бояд кард?

Илоҷи ягона дар ноҳия созмон додани базаи маҳсулоти нафтӣ, он гуна, ки як вақтҳо вуҷуд дошт. Ва тавассути колоннаи автонақлиётҳое, ки сағонаҳояшон пурғунҷоиш аст (16—20) тонна таҳти назорати ходимони хидмати патрулии автоинспексияи давлатӣ кашонидани маҳсулоти нафтӣ ба анбори база. Дар он ҳолат, мувофиқи ҳисобу китобҳо, соле сарфа кардани 100 тонна сӯзишворӣ имконпазир хоҳад гашт. Дар ноҳия бошад, барои бунёди базаи яклухти маҳсулоти нафтӣ ва нигоҳдошти он ҷои мувофиқ ва имконият мавҷуд аст.

Сарвари корхонаи таъмини маҳсулоти нафтии вилояти Фарғона Р.Исмоилов ва раиси ширкати давлатии саҳҳомии маҳсулотҳои нафти ҷумҳурӣ А.Аҳмедов аз вазъ огоҳанд ва ҳангоми ташрифи худ ба Сӯх изҳор доштаанд, ки ба масъалаи бунёди базаи маҳсулоти нафтӣ мувофиқанд. Гап дар сари зудтар ба кори амалӣ шурӯъ намудан аст.

### 2

Мувофиқи фармони рақами биступанҷи ҳокими вилояти Фарғона аз 20 марти соли 2002 баҳри таъмини барқарории вазъи иҷтимоию иқтисодии Сӯх ноҳия бояд ба гаҷи (гипс) табиӣ аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомии «Қувасойсемент» таъмин карда шавад.

Бино ба маълумотҳое, ки дастрасанд, гаҷро «Қувасойсемент» аз ҷумҳурияти Тоҷикистон ба ивази асъор харид мекунад. Соли duҳазорум 24,9 ҳазор тонна газ ба 199,9 ҳазор доллар, соли дуҳазору якум 31,3 ҳазор тонна гаҷ ба 219,6 ҳазор доллар харид шудааст. Соли равон бошад, хариди 40 ҳазор тонна гаҷ ба 280 ҳазор доллар ба нақша даромадааст. Ҳол он ки захираи бои газ дар худи Сӯх (карери Қалъача) вуҷуд дорад ва хулосаи лабораторияи ҷамъияти саҳҳомии «Экспедитсияи маҷмӯи кӯҳ—геология» (хулосаи рақами 18/511 аз 26 апрели соли 2002) ҳаминро тасдиқ менамояд.

Дар воқеъ, таъмини рақами қарори Девони Вазирони ҷумҳурияти Ӯзбекистон таҳти рақами 342 аз 5 сентябри соли 2000 «Дар хусуси дастури маҳаллигардонии истеҳсоли мол ва ашё дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ то давраи соли 2005» ва таъмини мустаҳкам намудани вазъи иқтисодии ноҳия низ водор менамояд, ки лоиҳасозӣ ва ҷустуҷӯи комплекси геологӣ аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ харҷӣ зудтар ба роҳ монда шавад.

### 3

Дар ноҳия баҳри ривоҷи тиҷорати хурд ва миёна эътибор медиҳанд. Миқдори онҳо 340-то буда, ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ 6—7 тоғӣ рост меоянд. Ҷуз ин 248 нафар шахсони ҷисмонӣ ба таври инфиродӣ ба фаъолияти тадбиргарӣ банданд.

Баҳри рушди тадбиргарӣ қаблан маблағ зарур аст. Вале дар дастрас гардондани он душвориҳо пеш омадаанд. Агар шӯъбаи ноҳиявии «Пахтабанк» соли 2001 ҷамъ 24,5 миллион сӯм вом дода бошад, дар чоряки аввали соли равон, бинобар камии захираҳо ҳамагӣ 8 миллион сӯм вом ҷудо карда шуду халос. Ҳол он ки чоряки аввали соли 2002 ба шӯъбаи ноҳиявии «Пахтабанк» 22 тадбиркор муроҷиат кардаанд ва 32,1 миллион сӯмина лоиҳаи кредитии онҳо дар навбат истодааст.

Хуб мешуд сарвари шӯъбаи вилоятии «Пахтабанк» Б. Охунов аз вазъи шӯъбаи ноҳиявии идораи хеш воқиф ва то имкон будан дасти ёрӣ дароз мекард. Диққати дигар бонкҳои тиҷоратӣ ва манбаъҳои тиҷоратии ғайрисармояи вилоят низ ба ин масъала ҷалб шавад, нуран ало нур мегардид.

### 4

Роҳи Сӯх— Риштон, ки як қисмати он аз Ҷумҳурии Қирғизистон мегузарад, аҳамияти ҷумҳуририро молик аст. Қисми ағбаи он соли 1997 аз ҷониби Қирғизистон, бинобар бетаъмир мондан ва ба талаб ҷавоб надоданаш баста шуда буд. Соли 2000 мутасаддиёни таъмиргари вилояти Фарғона як қисми ағбаро таъмир карданд, вале чӣ шуду қисми дигараш бетаъмир монд. Агар қисми дигар низ таъмир мегашту ба истифодаи ағба рухсат мешуд, роҳи Сӯх— Риштон 8 километр наздик мегардид. Таваҷҷӯҳ кунед: рӯзе тақрибан 150—200 воситаи нақлиётӣ ҳаракат кунаду 8 километр роҳ беҳуда тай шавад... Дар ҳолати рухсат шудан ба истифодаи ағба дар як шабонарӯз 250 литр, дар як моҳ бошад 7,5 тонна сӯзишворӣ захира мешудааст. Вақт низ ройгон намеравад.

### 5

Баҳри таъмири ҷорӣ ва пурраи роҳҳои автомобилгарди ноҳия соле ба ҳисоби миёна 5000 тонна асфалт зарур аст. Соли дуҳазорум 1493 тонна, дар нӯҳ моҳи аввали соли дуҳазору якум 2495 тонна асфалт аз заводҳои асфалтбетони Фарғона ва Қӯқанд ба Сӯх кашонда шудааст. Фақат барои кашондани асфалт тавассути автомошинҳо дар соли дуҳазорум 15 тонна, дар нӯҳ моҳи аввали соли 2001—ум 24,3 тонна сӯзишворӣ сарф шудааст. Бо ифодаи дигар фақат барои кашонидани маҳсулоти тайёр 11,5 миллион сӯм маблағ!

Ҳол он ки дар худи Сӯх баҳри истеҳсоли асфалт имконият фароҳам буда, ба ҷуз захираи фаровони регу шағал дар ташкилоти «Сӯхгидрострой» ускунаҳои коркарди сангреза мавҷуд мебошад. Агар дар ҳудуди ноҳия заводи хурди истеҳсоли асфалт ба роҳ монда шавад, дар ҳолати кашонда овардани битум (баҳри тайёр кардани 10 тонна асфалт як тонна битум зарур аст) ҳам соле 5 тонна сӯзишворӣ аз ҳисоби нақлиёт сарфа мешавад. Бо ифодаи дигар, аз ҳисоби хароҷоти роҳ 10,3 миллион сӯм иқтисод мегардад! Аз ин ҷиҳат бунёди заводи хурд, ки дар тасарруфи консерни «Ӯзавтойӯл»—и Ҷумҳурияти Ӯзбекистон қарор хоҳад гирифт, басо манфиатбахш хоҳад буд.

### 6.

Симҳои алоқа, ки ноҳияро ба маркази вилоят ва дигар ноҳияву шаҳрҳои ҷумҳурӣ мепайванданд, мисли роҳҳои Сӯх аз ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон мегузаранд. Баъзан ҳодисае аз шаҳрвандони давлати ҳамсоя буридан ва ба тороҷ бурдани сим ва кабелҳо ба вуқӯъ пайваста, робита муддатҳо канда мешавад. Дар натиҷа идораҳои бонк, молия, андоз ва дигар ташкилотҳо наметавонанд сари вақт маълумотҳои заруриро ба маркази вилоят расонанд.

Чунончи, дар давоми чор моҳи соли равон бинобар канда шудани хатти алоқа ҳафт рӯз дар бонкҳо имконияти гузарондани амалиётҳои бонкӣ барҳам хӯрдааст.

Бинобар фасурда шудани ускунаҳои хатти барқ низ аҳвол ногувор аст. Кор то ҷоест, ки дар қаламрави як ноҳияи кӯчак аҳолии қисме аз деҳаҳо тавассути телефон ба деҳаҳои дигар пайваста наметавонанд.

Чунин ҳолатҳоро ба эътибор гирифта, аз ҷониби оҷонсии почта ва телекоммуникатсияи ҷумҳурӣ лоиҳаи ҷобаҷогузории ускунаҳои робитаи телефонии «Радио-релейка» муроттаб гаштааст.

Фақат гап сари зудтар аз паи амалӣ гардонидани ин кори хайр шудан ва ба он таваҷҷӯҳи дигаре нигаронидани ҷамъиятии саҳҳомии «Телеком»-и вилоят аст, ки раисаш мӯҳтарам Д.Тошматов мебошад.

Сӯхро чун «ҷазира» миёни ҷумҳурии дигар меҳисобанд як гурӯҳ. Шояд зоҳиран ин тавр, вале дар асл ин хел набудааст. Сӯх ҳамеша дар мадди назарҳо буд ва ҳаст. Ба вазъи ногувор ва ҳолати он роҳбарияти ҷумҳурят низ беэътибор нестанд. Президенти мамлакат Ислом Каримов дар сӯҳбате бо хабарнигорон изҳор дошта, ки аз вазъ огоҳ аст ва масъалаи «кушодани дахлез» дар гуфтугӯ бо роҳбарони Ҷумҳурияти Қирғизистон ҳал хоҳад шуд.

**Муҳаммад ШОДӢ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



Дар ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд муассисаҳои таълимии бисёреро пайдо мекунед, ки дар бобати ба рӯи об баровардани Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо намунаи ибрат мегарданд. Якеи он боғча, муассисаи таълимии синфҳои ибтидоии рақами 18 мебошад, ки ба кори он Зикиё Ҷумаддинова сарварӣ мекунад.

**Дар сурат: Зикиё Ҷумаддинова** ва омӯзгор **Зулхумор Эшонқулова** дар ҳалқаи тарбиягирандагону таҳсилгирандагон.

**Аксбардор: Владимир ПОРТНОВ.**

# «Ҳар кӣ худро шинохт...»

Муҳаммад Доро Шукӯҳ аз сулолаи Бобуриён аст ва дар илму дониш аз пешвоёни даври худ буд.

Падараш Шоҳҷаҳон ин нахустин фарзанди худро хеле дӯст медошт ва аз ин боис ба тарбияи он аҳамияти махсус медод. Ва валиаҳд ҳам ӯро хонда буд. Доро Шукӯҳ, ки дар Панҷобу Оллоҳобод ва Мултон ҳукмрон буд, ҳатто дар зиндагии Шоҳҷаҳон ба ӯ ҳангоми беморӣ дар умури давлат кӯмак мекард.

Доро Шукӯҳ дар набарди соли 1658 ба муқобили додари саркашаш Аврангзеб дар наздикии Агра шикаст хӯрд. Дар натиҷа Аврангзеб падараш Шоҳҷаҳонро ба асир гирифта, Доро Шукӯҳ ба назди султони Балуҷистон Малик Ҷавон, ки як дафъа ӯро халос намуда буд, паноҳгоҳ меҷӯяд. Аммо султони Балуҷистон ба ӯ хиёнат карда, сари Доро Шукӯҳро ба назди Аврангзеб мефиристад, ки он дар табақ ба ба пеши Шоҳҷаҳони зиндонӣ оварда мешавад. Бад-ин васила Аврангзеби сангдилу риёкор аз падараш, ки ба хотири модари ӯ Арҷуманд бону мӯҳташам Тоҷмаҳалро бунёд намуда, бо харҷи он хазинаи давлатро холӣ карда буд, интиқом мегирад.

Дар таърих ҳукмдорон зиёд гузаштаанд. Аммо аз ҳар яки онҳо ҳар нишона, хоҳ нек, хоҳ бад, мондааст. Агарчӣ ба Доро Шукӯҳ тахтнишинӣ насиб накардааст, аз ӯ хотироти хайр мерос мондааст. Меҳре, ки ӯ ба илм ва адаб доштааст, афрӯзандаи машъали даврони худ будааст. Ва осоре, ки ӯ аз худ гузоштааст, саҳифаи нотакрори адабиёти қарни XY1.1 ба шумор меравад.

Муҳаммад Доро Шукӯҳ дар синни 25 «Сафин-ат-ул-авлиё» ном тазкирае иншо кард. Ин таълифот асари намоёни ирфонӣ маҳсуб мегардад. Дар он аҳволи шайхони гуногунмазҳаб, занони пайғамбар (с), духтарони эшон, ҳолоти аёлҳои оқилаву солеҳа зикр мегардад. Пас аз даҳ сол бошад, «Силсилат-ул-авлиё» таълиф мегардад, ки ба маноқибони Миёнҷӯҳо бахшида мешавад. «Ҳақнома» бошад, аз 20 саҳифа иборат буда, ба шаш фасл қисмат гаштааст, ки мӯҳтавои ирфонӣ ва тасаввуфӣ дорад. Дар он аз хусуси мавҷудот ва шоҳиёт, ваҳдати вуҷуд сухан меравад. Дар рисолаи «Ҳасамот-ул-орифин» анъаноти Иброҳими Адҳам, Робиа Адавия, Боязиди Бастомӣ, Мансури Ҳаллоҷ идома дода шудааст.

Дар «Маҷмаъ-ул-баҳрайн» 22 мавзӯъ фаро гирифта шудааст ва дар он инчунин ба муҳимтарин мазҳабҳои исломӣ ва ҳиндуӣ муносибати худро баён намудааст. Доро Шукӯҳ панҷоҳ «упанишод» ( аз санскрит- дар ҳузури устод илми ҳақиқат омӯхтан)-ро ба форсӣ тарҷима карда, онро «Сирри акбар» номгузорӣ кардааст. Дар он сабақҳои ба худ хосро таҳия намуда, аз асрори ҳақиқат сухан мегӯяд.

Доро Шукӯҳ ба форсӣ ҳам шеър гуфтааст. Дар ғазалҳои содда ва равони ӯ изтироби рӯҳӣ, ишқӣ, ҳиссу ҳаяҷон, тасаввурот дар хусуси инсони комил ифодаи худро ёфтаанд. Дар девони Доро Шукӯҳ, ки дар китобхонаҳои Агра ва Калкутта маҳфузанд, 133 ғазал ва 28 рубоии ӯ ҷой дода шудаанд. Ин шеърҳо бо тахаллуси «Қодирӣ» иншо гаштаанд.

Рисолаи «Тариқат-ул-ҳақиқат»-и шоир», ки онро «Рисолаи маориф» низ ном мебаранд, аз муқаддима ва се манзил (фасл) иборат буда, дар он аз марҳалаҳои гуногуни тариқат баҳс ба амал меояд. Шеърҳои Саъдӣ, Амир Хусрав, Ҷомӣ дар он ҷой гирифтаанд. Дар «Рисолаи савол ва ҷавоб» Доро Шукӯҳ бо Бобо Лол Досӣ аз мазҳабҳои ҳинду баҳс менамояд. Ҳатто номаҳои Доро Шукӯҳ ба муосирони худ дар ин китобхонаҳо нигоҳдорӣ шудаанд. Мактубҳои ӯ ба забони санскрит навишта шудаанд, ки аз ин забони қадима бохабар будани Доро Шукӯҳ далолат менамояд. Ҳатто як қисми асари «Ҷуг»-ро аз санскрит тарҷима ҳам кардааст.

Бояд гуфт, ки асарҳои Доро Шукӯҳ дар давраҳои гуногун нашр гаштаанд.

Доро Шукӯҳ мисли ҷадди бузурги худ Мирзо Бобур ба аҳли ҳинду, фарҳангу таърихи он ҳусни таваҷҷӯҳ дошт.

Дар зер ин як ғазали форсӣ- тоҷикии Доро Шукӯҳро барои хонандагон пешкаш менамоем.

**Ҳар кӣ худро шинохт, гӯро бурд,**
**Ҳар кӣ худро бибохт, ӯро бурд.**
**Ҳар кӣ пои хуме гирифту нишаст,**
**Соқию бодаву сабӯро бурд.**
**В-он кӣ з-ин се наёфт огоҳӣ,**
**Рафт ӯ хоки орзӯро бурд.**
**В-он кӣ дар хештан наҷуст ӯро,**
**Рафту бо хеш ҷустуҷӯро бурд.**
**Қодирӣ ёри хеш дар худ ёфт,**
**Худ накӯ буд, к-он накӯро бурд.**

**Суйима ҒАНИЕВА,**
**шаҳри Тошканд.**

# Хабарҳо аз ноҳияи Шофиркон

## Ҷашни рӯзнома

Ба қарибӣ 70-солагии оинаи рӯзгори ноҳиявӣ-рӯзномаи «Шофиркон овозӣ» ҷашн гирифта шуд. Ҷамъомадро муҳаррири рӯзнома, корманди шоистаи фарҳанги республика, нависанда Аҳад Ҳасан кушода, дар бораи роҳи тайкардаи рӯзнома ҳарф зад. Ҷонишини ҳокими вилоят М.Бӯронов табрикномаи ҳокими вилоят С. Ҳусеновро ба аҳли қалами «Шофиркон овозӣ» қироат намуд.

Ҳокими ноҳияи Шофиркон А. Раҳмонов ва дигарон кормандони рӯзномаро бо иди фархунда табрику муборакбод намуда, тӯҳфаҳои қиматбаҳо супориданд.

## Бинои нави коллеҷ

Коллеҷи иқтисодиёти ноҳияи Шофиркон соли гузашта ба кор оғоз намуда бошад ҳам, вале барои он бинои ҷудогона ҳанӯз омодаи кор набуд.

Дар арафаи соли нави таҳсил бинои коллеҷ ба қабули талабагон омода гардид. Ҳокими вилоят, депутати Олий Маҷлис С. Ҳусенов ҷамоаи коллеҷ, шофиркониён ва ҳозиронро бо воқеаи фараҳбахш ба кор оғоз намудани бинои замонавии ҷолиби диққат табрику муборакбод намуд.

—Соли гузашта дар коллеҷ 160 нафар ҷавонон дар чор равия: бонк, молия, архив (бойгонӣ), тиҷорат таҳсил гирифта буданд. Имсол 150 нафар толибилмони навбатиро қабул намудем. Ҳоло ҷамъи шогирдонамон 310 нафар. Ду ихтисоси нав- ҳисобчигию (бухгалтерию) ҳуқуқшиносӣ илова гардид,(иқтидори бино 375 ҷой)—мегӯяд ҷонишини директор оиди касбомӯзӣ Қосим Эргашев.

## Боз як мактаб

Дар натиҷаи муттаҳидшавии (якшавии) хоҷагиҳои ширкатии ба номи Ш. Рашидову ба номи М. Одилов бинои маъмурии хоҷагии ҷамоавии ба номи Мансур Одилов, ки ҳамчун бинои боғча буд, холӣ гардид. Ин барои осон намудани мушкилии ҷамоаи омӯзгорону шогирдони мактаби ибтидоии №51 деҳаи Янгиобод (омили) муҳим ҳисоб мееёфт. Аз ин рӯ роҳбарияти хоҷагии ба номи Ш. Рашидов ин ҷо як қатор корҳои таъмиркуниро ба амал баровард. Даҳ синфи равшану зебо муҷаҳҳаз гардид. Бо қарори ҳокими ноҳия мактаби ибтидоии №51 ба мактаби миёна табдил дода шуд. Акнун талабагони синфҳои панҷум барои идома додани таҳсил ба мактаби ҳамсоя (№20) намераванд.

**Амрулло АВЕЗОВ.**

